# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи “Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Каримов А. А. ба яке аз мавзуъҳои муҳими таърихи фалсафаи тоҷик бахшида шудааст. Таҳқиқи ин мавзуъ на танҳо таърихи фалсафаи тоҷикро, балки таърихи фалсафаи асрҳои миёнаи исломиро низ равшан менамояд, зер фалсафаи асрҳои миёна, махсусан мактабҳои машшоъ ва тасаввуф аз доираи таърихи афкори иҷтимоии тоҷикон хеле васеътар нуфуз кардааст. Муқоисаи фалсафаи машшоъ ва тасаввуф хеле душвор аст, зеро дар давраи асрҳои X-XII ҳам масъалаҳои ҳастишиносӣ, маърифат, космология, нуҷум, ҷомеашиносӣ, ахлоқ, зебоишиносӣ ва илоҳиётро дар бар гирифтааст. Бинобар ин як ҷиҳати муҳимми таълимоти ин ду мактабро гирифта, ба таври муқоисавӣ таҳқиқ кардани диссертант имкон додааст, ки ӯ проблемаи дар назди худ гузоштаро ба таври муфассал баррасӣ ва ба натиҷаҳои дуруст биёяд.

Пеш аз ҳама бояд зикр кард, ки таҳқиқоти Каримов А. А. аз ҷиҳати манбаъшиносӣ ҷолиби диққат аст. Ӯ асарҳои намояндагони бузурги ин ду мактаб, махсусан осори Абӯалӣ ибни Сино ва Калободию Мустамлиро хеле муфассал омӯхта, таҳқиқ кардааст.

Ҷиҳати дигари рисола ин аст, ки дар он асарҳои муҳаққиқони ғарбию шарқӣ, шӯравию тоҷик таълиф ё тарҷума шудаанд, мавриди таҳлили ҷиддӣ ва интиқодӣ қарор гирифтаанд.

Диссертант ҳадафи иаҳқиқоти худро равшан муайян кардааст, ки ба масъалаҳои ба миён гузоштаи мутафаккирони ин давра "моҳиятан аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ характери умумибашарӣ доранд" (Дис. Саҳ.24)

Аз навгониҳои қобили таваҷҷуҳи диссертатсияи Каримов А. А. ин аст, ки таъсири мутақобилаи машшоия ва тасаввуф ба ҳамдигар дар масъалаи ҳастишиносӣ ба таври махсус таҳқиқ нашуда буд ва асари диссертант дар ин мавзуъ аввалин таҳқиқ мебошад. Вобаста ба ин мазмуну муҳтаво ва монандию тафовутҳои мақулаҳои ҳастӣ, нестӣ, моҳият, сайру сулук дақиқан нишон дода шудаанд. Муаллифи рисола ҳамчунин ба таври боварибахш алоқамандии фалсафаи машшоия ва тасаввуф ва таъсири мантиқи аввалиро ба дуввум таҳқиқ карда, хусусиятҳои ин таъсирпазирииро муайян намудааст. Ғайр аз ин таҳқиқоти диссертатсионии Каримов А. А. арзиши амалӣ низ дорад, зеро дар

шароити имрӯза, ки баъзе равияҳои ифротӣ моҳияти мероси фалсафӣ ва ирфониро таҳриф менамоянд, андешаҳои озодфикронаи аҳли машшоъ ва тасаввуф барои ташаккули шуури дурусти таърихӣ ва аз тавзеҳоти динию хурофотии масъалаҳои фалсафӣ ва ирфонӣ мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Каримов А. А. асари мустақили таҳқиқоти фалсафӣ буда, дар он масъалаҳои дар назди худ гузоштаи муаллиф ҳалли худро ёфтаанд. Рисолаи доктории А. Каримов ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, монография ва мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳои ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, мазмуну моҳияти рисолаи доктoриро ифода мекунанд. Автореферати диссертатсия низ шарҳи мухтасари диссертатсия буда, мувофиқи талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Бо назардошти фикрҳои зикршуда, метавон гуфт, ки диссертатсияи Каримов А. А. ба талаботи илмии таҳқиқоти фалсафӣ ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимояи ба шурои диссертатсионӣ аз руйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа пешниҳод кардан мувофиқ аст. Муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
Сарходими илмии шуъбаи таърихи
фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
доктори илмҳои фалсафа, профессор, ________ Кароматулло Олимов

Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телефон (+992) 907702115
E-mail: olimovk_2007@mail.ru

Имзои Кароматулло Олимовро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрии Института фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови АМИТ ________ Абдураҳмонзода Б.А

Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Телефон (+992)000078637
E-mail: info@ifppant.tj
22 __ 12 __ 2023